**Ба Шӯрои диссертатсиониии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар бахши танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар шароити муосир саволҳо дар бораи мақсаднок будани танзими ҳуқуқӣ, имкониятҳои худтанзимкунӣ, муайян намудани истилоҳоти ҳуқуқӣ, дар бораи муқаррар намудани мақоми ҳуқуқии иштирокчиён, танзими тартиби мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ҳангоми бастани шартнома ва пардохтҳои, инчунин масъалаҳои таъмини махфият ва бехатарӣ дар соҳаи савдои электронӣ ба миён меоянд. Ҳамаи ин рушди ҳамаҷонибаи минбаъдаи илмии ҳуқукро, аз ҷумла аз нуқтаи назари танзими ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, ташаккули модели муосири танзими ҳуқуқиии савдои фосилавии мол ва хизматрасониро тақозо мекунад. Мушкилот дар таъмини қонунгузории савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки корҳои илмӣ дар ин самт ба таври мукаммал ба сомон расонида нашудааст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дуруст қайд менамояд, ки: “Савдои фосилавӣ ҳамчун як шакли фаъолияти хоҷагӣ дар соҳаҳои ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон торафт бештар қувват мегирад. Афзоиши босуръати таъсири технологияҳои нав ба рушди иқтисодии Тоҷикистон ба пайдоиши

шаклҳои нави савдои молҳо (хизматҳо) мусоидат кард, зеро субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади ташкили фаъолияти рақобатпазир ва ҷавобгӯи ба талаботи бозор роҳҳои гуногунро меҷӯянд. Ин падидаи нав ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи бозор ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави таъмини рақобатпазирӣ дар ҷомеаи зудтағйиребанда, ки ба кӯшиши субъектҳои хоҷагидорӣ вобастагӣ дорад, асоснок карда мешавад. Технологияҳои имрӯза чунон босуръат рушд мекунанд, ки давлатҳо вақт надоранд, ки ба чунин рушд вокуниш нишон диҳанд ва онҳоро дар сатҳи қонунгузорӣ танзим кунанд. Вобаста ба ин, таъсиси дастгоҳи маъмурӣ ҷиҳати баррасии мафҳумҳои асосӣ, ки метавонад заминаи бунёдии танзими ҳуқуқии ин падидаи нави иқтисодӣ гардад, зарур дониста мешавад. Мушкилоти дигар, ин муайян кардани объектҳо ва субъектҳои ин муносибатҳо, инчунин бо назардошти хусусиятҳои касбӣ муайян намудани механизму воситаҳои амалисозии он, дониста мешавад. Дар асоси таҳлил муайян карда шуд, ки савдои фосилавӣ як намуди нави фаъолиятест, ки дар натиҷаи интиқоли фаъолияти хоҷагӣ ба шабакаи глобалии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба вуҷуд омадааст. Муайян кардани моҳият, хусусиятҳо ва афзалиятҳои савдои фосилавӣ нисбат ба савдои анъанавӣ асоси ташаккули дастгоҳи консептуалии ин соҳа гардид ва имкон дод, ки бо рушди ҷомеаи иттилоотӣ интернет барои татбиқи он воситаи асосии калидӣ гардидааст” (саҳ.16). Умуман он масъалаҳое, ки муаллиф баррасӣ намудааст, қобили қабул буда, барои рушди минбаъдаи институти мазкур заминаи мусоиди илмӣ ва ҳуқуқиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо назардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Аз ҷумла усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра. Ҳамаи ин ба таъмини самаранокии танзими фаъолияти якҷоя дар амал нигарнида шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузории маданӣ, соҳибкорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар бахши мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад. Ҳамзамон, автореферати диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Дар автореферат муаллиф таснифи намудҳои савдои фосилавиро гузарондааст. Аммо, аз мазмуни автореферат асосҳои таснифбандӣ ба пуррагӣ ошкор нашудааст. Аз ин лиҳоз дар ҷараёни ҳимояи ошкоро хуб мешуд, ки рисоланавис мавқеи худро пурра баён намояд.

Эроде, ки дар боло зикр шуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Диссертатсияи илмиро мо ҳамчун таҳқиқоти комплексӣ ва анҷомёфта баҳо дода, муаллифи он Майнусова Зарнигор Маҳмудовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мешуморем.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Муовини якум, муовини директори иҷроия оид
ба илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилалии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М.

Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Пирназаров С.М.

«19» феврали 2024 с.

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Бохтар 35/1. Тел.: +992 (37) 221-99-41; E-mail: info@msu.tj